**Тақризи**

муқаррризи расмӣ ба диссертатсияи Ҳамроев Озодбахт Абдусалимович дар мавзуи **«Усулҳои калимасозии сарфию наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (бар мабнои осори бадеӣ)»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)

Айни замон забоншиносии муқоисавӣ дар таҳқиқи забонҳо мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Пеш аз ҳама бояд зикр намоем, ки мавзуи таҳқиқот яке аз мавзуҳои мубрам ва баҳснок дар илмӣ забоншиносӣ маҳсуб меёбад.

Дар ин робита интихоб намудани мавзуи дуруст яке мубрамияти забон аз афзалиятҳои асосии таҳқиқот ба шумор меравад. Диссертатсияи Ҳамроев Озодбахт Абдусалимович ба мавзуи **«Усулҳои калимасозии сарфию наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (бар мабнои осори бадеӣ)»** бахшида шудааст.

Дар забоншиносӣ сарчашмаҳое мухталифе, ки аз ҷониби муҳақиққони забоншинос пешниҳод шудаанд, наметавонанд пурра дархурди ин масъала бошанд. Бинобар ин, ба назари мо таҳқиқи калимасозии сарфию наҳвӣ дар муқоиса бо забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ барои ҳалли бисёр мушкилиҳо дар ин самт ёрӣ мерасонад.

Қобили зикр аст, ки барои иҷрои мақсаду вазифаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ муҳаққиқ усулҳои мухталифро мавриди истифода қарор дода, дар ин росто аз усули муқоисавии рисолаи илмӣ дар забоншиносӣ бештар таваҷҷӯҳ кардааст.

Дар рисола илмӣ андешаҳои забоншиносони маъруфи ватанию хориҷӣ аз қабили  Ш. Рустамов, Р. Ғаффоров, Ш. Бобомуродов, Б. Камолиддинов, Қ. Тоҳирова, Б. Ниёзмуҳаммадов, О. Қосимов, С. Раҳматуллозода, Д. Саймиддинов, С. Назарзода, Ҳ. Маҷидов, З. Мухторов, ва муҳақиққони забоншиносони хориҷӣ Л.Є. Пейсиков, Ф.

Соссюр, Г.Б. Антрушина, А.И. Смирнитский, В.В. Виноградов, Е.С. Кубрякова, П.М. Карашук, И.В. Арнолд ва дигарон баррасӣ гардида, барои комилтар гардидани намудани таҳқиқи калимасозии сарфию наҳвии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мусоидат намудаанд.

Диссертатсия аз феҳристи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, руйхати адабиёт ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат мебошад.

Дар муқаддимаи диссертатсия муаллиф мубрамии таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, методҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, сарчашмаи таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсияро ба риштаи пажӯҳиш даровардааст, ки ба талаботи корҳои илмӣ пурра ҷавобгӯ аст.

Боби якуми диссертатсия **«Асосҳои назариявии масъалаи омӯзиши калима ва калимасозӣ»** номгузорӣ шуда, аз се фасл «Назарияи калима ва калимасозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», «Калимасозӣ ва нақши он дар таркиби луғавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» ва «Андешаҳои забоншиносон роҷеъ ба калимасозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» иборат буда, мавриди таҳлилу баррасии илмӣ қарор гирифтааст. Диссертант калимаро воҳиди маънодор ва асосии забоншиносӣ мешуморад. Калимасозӣ воситаи асосӣ ва муҳими ғанисозандаи таркиби луғавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мебошад. Муаллиф дар асоси таҳқиқи калимасозӣ роҳҳои маъмули калимасозиро дар забонҳои матраҳшаванда аз инҳо иборат медонад:

1. Дар забони тоҷикӣ калимасозии морфологӣ, калимасозии синтаксисию морфологӣ, калимасозии морфологию синтаксисӣ, калимасозии луғавию синтаксисӣ, калимасозии луғавию маъноӣ ва ихтисора;

2. Дар забони англисӣ вандафзоӣ (аффиксатсия), конверсия, мураккабсозӣ (васлшавии калимаҳо), дериватсия ва ихтисора.

Дар боби дуюми диссертатсия **«Усулҳои калимасозии сарфӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»,** ки аз ду фасл ва ду зерфасл иборат аст, дар фасли якум усули вандафзоӣ ва дар фасли дуюм ихтисора мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Дар боби мазкур муаллиф дар умум ва аз нигоҳи муқоиса вижагиҳои роҳҳои мазкури вожасозиро таҳлил намуда, вандҳоеро баррасӣ менамояд, ки баъзеи онҳо дар ҳарду забон ҳам ба назар намерасанд.

Дар илмӣ забоншиносӣ трансфиксҳо, конфиксҳо, тсиркумфиксҳо мавҷуданд, ки дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди истифода қарор намегиранд. Як намуди каммаҳсули аффикс амбификс мебошад. Он нисбат ба решаи калима мавқеи гуногунро ишғол мекунад, яъне ҳам дар аввал ва ҳам дар охири реша пайваст шуда метавонад: comeout – outcome. Дар забони тоҷикӣ чунин намуди ванд (аффикс) назаррас нест.

Боби сеюми диссертатсия **«Роҳҳои калимасозии наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** ном дошта, дорои чор зерфасл мебошад. Дар ин боб роҳҳои калимасозии наҳвӣ, яъне конверсия, субстантиватсия, вербализатсия ва калимаҳои мураккаб таҳлилу баррасӣ гардидааст. Муаллиф таъкид менамояд, ки дар ҳарду забон ҳам, конверсия ин табдил ёфтани як ҳиссаи нутқ ба дигараш буда, дар забони тоҷикӣ нисбати забони англисӣ камистеъмол мебошад. Инчунин, зикр мегардад, ки дар ҳарду забон субстантиватсия ҳодисаи ба вазифаи исм истифода шудани дигар ҳиссаҳои нутқ буда, дар забони тоҷикӣ он ба се гурӯҳ ҷудо карда мешавад: пурра, нопурра ва матнӣ. Диссертант дар асоси корҳои илмии донишмандони забоншиноси ватанию хориҷӣ усули калимасозии

вербализатсияро чунин шарҳ додааст. Роҳи калимасозие мебошад, ки тавассути он ҳиссаҳои нутқи дигар ба феъл гузашта метавонанд. Докторант тавонистааст, ки калимаҳои мураккабро дар забонҳои муқоисашаванда ба таври муқоиса баррасӣ намояд.

Дар хулоса натиҷаҳои таҳқиқот ҷамъбаст шуда, диссертант муътакид аст, ки роҳҳои калимасозӣ ҳамеша дар рушд буда, бо ёрии он таркиби луғавӣ бо калимаҳои нав пурра мегардад.

Вобаста ба мавзуи мавриди таҳқиқ 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 4 мақола дар маҷалаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

Ҳамин тавр, метавон зикр намуд, ки муҳаққиқ ҳадафу вазифаҳои дар пеш гузоштаашро пурра иҷро намуда, як рисолаи комил ва пухтаи илмиро пешниҳод намудааст, ки ба талаботи корҳои илмӣ мувофиқ аст.

Дар баробари дастовардҳои муҳим диссертатсия аз баъзе камбудиву норасоиҳо холӣ нест:

1. Баъзе мисолҳо ба забони тоҷикӣ тарҷума нашудаанд.
2. Дар диссертатсия баъзе аз асарҳои илмии вобаста ба мавзуъ истифода нашудаанд.
3. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия хатогиҳои имлоӣ, услубӣ ва техникӣ ба назар мерасанд (саҳ. 7, 8, 65 ва ғ.).

Қобили зикр аст, ки камбудиҳои зикршуда бештар ҷанбаи таҳрирӣ доранд ва онҳо моҳияти илмии диссертатсияро кам намесозанд, зеро онҳоро ҳангоми таълифи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли монография ба осонӣ метавон бартараф намуд.

Автореферати диссертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуну мундариҷаи корро пурра инъикос менамояд.

Хулоса мухтасари таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферати рисола оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии аттестатсионии назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, моҳияти кори илмии мазкурро ба таври фишурда инъикос менамояд.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ аст ва муаллифи он Ҳамроев Озодбахт Абдусалимович сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:** номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи филологияи
англисии Донишгоҳи славянии
Россия ва Тоҷикистон Саъдиева Гулистон Фатоевна

Суроға: 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, кучаи М. Турсунзода 30
Тел: +992(44) 6204215, 000222138

Имзои Саъдиева Гулистон Фатоевнаро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳои Донишгоҳи
славянии Россия ваТоҷикистон
н.и.т., дотсент Раҳимов Абдуҳамид Абдубасирович

26.08.2022